## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар мавзӯи «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника пешниҳод мегардад**

Мавзӯи интихобкардаи диссертант Тиллобаева С. М. зери унвони «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII) »-ро яке аз мавзӯҳои актуалӣ ва муҳим ҳисобидан мумкин аст, чунки ниёгони мо дар аксар соҳаҳои илми дақиқ ва риёзӣ, аз ҷумла дар геометрия, таҳқиқотҳои ҷиддӣ гузаронида натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд, вале то ҳол на ҳама рисолаҳои онҳо таҳлил ва тафсири худро ёфтаанд. Фанҳои табиӣ дар асрҳои миёна дар алоқамандии байниҳамдигарӣ тараққӣ мекарданд. Масалан, астрономия, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон – ҳангоми аниқ муайян кардани вақт, сохтани тақвим, муайянкунии самтҳои маҳал, ченкунии масофаҳо ва ғайраҳо зарур буд, ба ҳисоби мукаммали математикӣ ниёз дошт. Зарурати рушди илми астрономия омили муҳимми тараққиёти математика, хусусан тригонометрия ва геометрия ба ҳисоб меравад.

Чӣ тавре дар диссертатсия қайд мегардад, илми геометрия ҳамчун қисми ҷудонашаванда ва муҳимми математика ва дар дигар илмҳо низ татбиқи васеъ дорад, хусусан дар илмҳои физика, техника ва дигарон. Инчунин ба ҳисобкуниҳои астрономӣ зич алоқаманд буда, вобаста ба ин дар асрҳои миёна, дар расадхонаҳо, ки аз тарафи олимони гуногун сохта мешуданд, ба ин илм диққати калон дода мешуд. Ба сифати мисол таҳқиқотҳои геометрии Умари Хайём дар расадхонаи Исфаҳон, Насриддини Тусӣ дар расадхонаи Мароқанд, инчунин таҳқиқоти олимон дар расадхонаи Самарқанд, ки дар зери роҳбарии ҳокими ҳамонвақтаи Самарқанд-Улуғбек сохта шуда буд, хизмат карда метавонанд.

Диссертант дар асоси таҳлили ақидаҳои олимони даврае таҳқиқгардида ба хулосае омадааст, ки омӯзиши таърихи рушди илми геометрия дар асрҳои миёнаи Осиёи Миёна ва Эрон муҳим буда нақши дастовардҳои олимони ин давраро инъикос намудан аз ҷиҳати илмӣ зарур аст.

Тавсифи умумии автореферат мубрамияти мавзӯи интихобгардида, дараҷаи коркарди илмии проблема, объект, ҳадаф, вазифа ва фарзия, ғояи пешбар, сарчашмахо, навгонии илмӣ, арзишҳои назариявию амалӣ, инчунин марҳилаҳои таҳқиқот, нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқикот ва сохтори диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсия аз 2 боб ва 4 фаслҳо иборат буда, боби аввал: « Корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Миёна ва Эрон доир ба геометрия» унвон гирифта, боби дуюм: «Татбиқи назарияи геометрӣ дар алгебра, тригонометрия ва астрономия» ном гирифта, дар автореферат оид ба бобҳо дар алоҳидагӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

Аз автореферат маълум мегардад, ки мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Тиллобаева Салима Махмадалиевна дар зиёда аз 22 номгӯи корҳои илмӣ инъикос карда шудааст, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотеро, ки аз тарафи Тиллобаева С. М. ба иҷро расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду нумӯи илми таърихи геометрия саҳмгузор мегардад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Тиллобаева Салима Махмадалиевна таҳти унвони «Аз таърихи инкишофи илми геометрия дар Осиёи Миёна ва Эрон (асрҳои IX-XVII) » таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта,

ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои физика-математика,
профессор, узви вобастаи АМИТ,
профессори Донишгоҳи
Тоҷикистон-Россия (славянӣ) Қурбонов Икром

Имзои профессор И. Қурбонов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи Тоҷикистон-Россия (славянӣ)

ОТДЕЛ КАДРОВ
Подпись заверяю
Начальник ОК РТСУ
Давлатов Х.Х.